КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

НАШРИЯИ
№ 1 (2019)

## МАВЗӮЪҲОИ АСОСӢ:

Фармон дар бораи эълони мораторий ба санҷишҳо саҳ.2
Баргузории ҷаласаи XIX Шӯрои машваратӣ* саҳ.3
Видеоконфронсҳо вобаста ба ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ саҳ. 5
Мизи мудаввар дар мавзӯи “Муаррифии дастовардҳои ислоҳоти низоми созишҳои таъминшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” саҳ.6
Ислоҳоти самти соҳибкорию сармоягузорӣ саҳ.7

## Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» (анг. Doing Business)

Омӯзиши ҳарсолаи Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ мебошад, ки дар 190 кишвар фаъолияти тиҷоратиро дар 10 нишондиҳанда арзёбӣ мекунад. Гузориш ба арзёбии қоидаҳои танзими фаъолияти корхонаҳои хурду миёна дар тамоми давраи ҳаёт ва тартиби татбиқи онҳо дар амалия (иҷро) мебошад.

## Фармон дар бораи эълони мораторий ба санҷишҳо



Санаи 15 январи соли 2019 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018 «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба имзо расид.



Санаи 15 январи соли 2019 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018 «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ба имзо расид.

Дар ин замина ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2021 мораторий эълон карда шуда, муносибатҳои вобаста ба мораторийи эълоншуда дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» танзим мегардад.

Қобили қайд аст, ки минбаъд муқаррароти он ба ҳама мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда мешавад.

# ФАРМОН ДАР БОРАИ ЭЪЛОНИ МОРАТОРИЙ БА САНҶИШҲО

Мақсад аз содир гардидани фармони мазкур, ин дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ, кам намудани санҷишҳо ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Ёдовар мешавем, ки масъалаи мазкур дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018 амалӣ гардидааст.



# БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ XIX ШӮРОИ МАШВАРАТӢ*

20 феврали соли 2019 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XIX Шӯро баргузор гардид.

Дар ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифт:

- рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ
- натиҷаҳои таҳлили масъалаҳои низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда;
- натиҷаҳои таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши маориф ва илм ва лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ.

Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа, рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрализода Фаррух, муаррифии Вазири адлия Рустам Шоҳмурод, Роҳбари



Намояндагии Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пратибҳа Меҳта ва узви Шӯрои машваратӣ аз бахши хусусӣ, Директори иҷроияи “Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон”, Нигина Икромова оид ба иҷрои қарорҳоиШӯро манзур гардид.

Тибқи банди дуюми рӯзнома муаррифии Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қаҳҳорзода Файзиддин оид ба натиҷаҳои таҳлили масъалаҳои низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда пешниҳод гардид. Дар муҳокимарониҳо аз ҳисоби шарикони рушд Роҳбари Намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, Ян Питер Олтерс, узви Шӯрои машваратӣ аз бахши хусусӣ, Директори ЧДММ “Беҳамто”, Исломиддин Ҳакимов баромад намуданд.



Вобаста ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нуриддин Саид роҷеъ ба натиҷаҳои таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши маориф ва илм гузориш дод. Вобаста ба масъалаи сеюми рӯзнома инчунин, Намояндаи Хазинаи кудакони СММ дар Тоҷикистон, Лючиано Колестинӣ ва намояндаи бахши хусусӣ, Директори Муассисаи таълимии хусусии “Литсейи Раҳнамо” Ҳакимниё Илҳомиддин баромад намуданд.

Оид ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳамрализода Фаррух баромад карда, масъалаҳои таҳлили рушди кластерӣ дар соҳаи агросаноатӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва бахши технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсиониро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои оянда пешниҳод намуд, ки аз ҷониби аъзои Шӯро ҷонибдорӣ гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба нуктаҳои дар он зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулини дахлдор дастуру супоришҳо ва ба шарикони рушд тавсияҳои мувофиқ доданд.

Вобаста ба натиҷаҳои ҷаласа лоиҳаи протокол таҳия ва аз ҷониби Раиси Шӯрои машваратӣ тасдиқ карда хоҳад шуд.

*Маълумоти муфассал дар бораи ҷаласа дар Нашрияи махсус дарҷ гардидааст.*





# ВИДЕОКОНФРОНСҲО ВОБАСТА БА ҲИСОБОТИ “ПЕШБУРДИ СОҲИБКОРӢ”-И БОНКИ ҶАҲОНӢ

Вобаста ба сафарбар намудани вазорату идораҳои масъул ҷиҳати иштирок ба видеоконфронс бо коршиносони ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”- и Бонки ҷаҳонӣ мактуби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2019, №1-1К/28 ба Сарвазири Ҷумхурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Санаи 22 январ ва 11 феврали соли 2019 дар дафтари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар доираи фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравии назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мавқеи кишвар дар арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” ҷаласаҳои зергурӯҳҳои корӣ оид ба нишондиҳандаҳои “Гирифтани иҷозат барои сохтмон”, “Андозбандӣ” ва “Рушди тиҷорати байналмилалӣ” гузаронида шуданд.

Санаи 23 январ ва 12 феврал бо коршиносони ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” - и Бонки ҷаҳонӣ, дар дафтари намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон видеоконфронс баргузор гардид.

Видеоконфронсҳо бо мақсади баррасии ислоҳоти татбиқшуда дар самти соддагардонии расмиёти гирифтани иҷозат барои корҳои сохтмонӣ, андозбандӣ ва рушди тиҷоратӣ байналмилалӣ, ки ба беҳтар гардидани мавқеи кишвар дар арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки ҷаҳонӣ таъсир мерасонад, баргузор карда шуданд.

# МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ “МУАРРИФИИ ДАСТОВАРДҲОИ ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ СОЗИШҲОИ ТАЪМИНШУДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН”

Санаи 1 феврали соли 2019 дар шаҳри Душанбе дар ҳамкории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Вазорати адлия, Бонки миллии Тоҷикистон ва дастгирии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ мизи мудаввар оид ба мавзӯи “Муаррифии дастовардҳои ислоҳоти низоми созишҳои таъминшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор гардид.

Мақсад аз баргузор намудани чорабинӣ муаррифии дастовардҳои ин ислоҳот, баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа оид ба муқаррароти қонуни нав, низоми нави бақайдгирии амволи манқул ва аҳамияти иқтисодии он, мавриди истифодаи васеъ қарор додани Феҳрасти ягонаи электронии гарави амволи манқул ҷиҳати ҷорӣ гардидани навгониҳои молиявӣ бо истифода аз амволи манқул ҳамчун гарав, соддагардонии дастрасӣ ба воситаҳои қарзӣ ва эътирофи ислоҳоти ислоҳоти низоми созишҳои таъминшуда дар арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” иборат буд.

Дар чорабинӣ бо сухани ифтитоҳӣ Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рустам Шоҳмурод баромад карда, оид ба фаъол гардидани Системаи электронии Феҳрасти ягонаи давлатии уҳдадориҳои гаравӣ барои бақайдгирии гаравҳои молу мулки манқул дар сомонаи www.fehrist.tj ва такмили заминаи қонунгузории ислоҳоти низоми созишҳои таъминишуда маълумоти муфассал дод.

# ИСЛОҲОТИ САМТИ СОҲИБКОРИЮ САРМОЯГУЗОРӢ

## МД ”Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон”

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2018 муассисаи давлатии ”Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” таъсис дода шуд.

Дар назар дошта мешавад, ки вазифаҳои асосии Муассиса ба дастгирии методӣ, иттилоотӣ, омӯзишӣ, фароҳам овардани шароит барои пайдоиш ва рушди ғояҳо ва технологяҳои инноватсонӣ, ташкили раванди омӯзишию таълимӣ оид ба ташкили кори корхонаҳои соҳибкорони хурд ва навтаъсис, машваратдиҳӣ оид ба қонунгузорӣ, ҳисоби бухгалтерӣ ва аудит, фаъолияти тиҷоратӣ ва идоракунӣ, хизматрасонии машваратӣ дар соҳаи менеҷменти молиявӣ, қарз, ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва андозу гумрук, ташкил ва истифодаи махзани маълумот ва захираҳои иттилоотӣ ва дигар масъалаҳо равона карда мешавад.

## 300 РӮЗИ ИСЛОҲОТ

Тавре маълум аст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 пешниҳод намуданд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” амалӣ карда шавад.

Нақшаи тадбирҳои амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ гардид.

## Тадбирҳои минбаъда:

**1. Корбарӣ оид ба масъалаи “мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ”**

**2. Масъалаҳои марбут ба 300 рӯзи ислоҳот**

**3. Масъалаҳои вобаста ба таъсиси Бизнес-инкубаторҳо дар ҷумҳурӣ**

**4. Корбарӣ вобаста ба марҳилаи 3-юми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар давраи солҳои 2012-2020**

**5. Ҳамкориҳо бо бахши хусусӣ ва дастрас намудани пешниҳодоти онҳо ба ҳисобот, таҳлилу тавсияҳо ва масъалаҳои дар ҷаласа баррасишаванда**

**6. Иштирок дар таҳлилҳои дастрасӣ ба меъёрҳои стандартии байналмилалӣ ва кластерикунонии соҳаи кишоварзӣ ва пешниҳод ба ҷаласаҳои Шурои машваратӣ**

**7. Корбарӣ ҷиҳати беҳтар намудани мавқеи ҷумҳурӣ дар ҳисоботи “Пешбурди соњибкорӣ”- и Бонки ҷаҳонӣ, татбиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандањои ҷумҳурӣ дар ҳисоботи мазкур**

**8. Тадбирҳо ҷиҳати тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда.**


**Тамос бо котибот:**

хиёбони Рудакӣ 10
734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе
Тел: (+992 44) 610-60-09
Факс: (+992 44) 610-60-04
investmentcouncil.tj


*Барои маълумоти иловагӣ оид ба ин мавзуъ, хоҳишмандон метавонанд ба Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо телефони 44 610-60-04 ё нишонии электронии secretariat@investmentcouncil.tj, ҳамчунин ба сомонаи Котибот: www.investmentcouncil.tj муроъиат намоянд.*